«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ,
дотсент Назар М.А.
«22» феврали соли 2023

**Хулосаи**

шуъбаи ҳуқуқи давлатии ИФСҲ-и ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ба рисолаи диссертатсионии Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси илмии 12.00.14. - ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ

Диссертатсия дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия» дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии ИФСҲ-и ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ иҷро шудааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия (солҳои 2017-2021) Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ унвонҷӯи шуъба буд ва зери роҳбарии мудири шуъба д.и.ҳ. профессор Иброҳимов С.И. фаъолият кардааст. Дар айни замон Давлатзода Ф.М. ба ҳайси ёрдамчии калони прокурори вилояти Хатлон оид ба назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия адои вазифа менамояд.

Мавзӯи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ аз «24» ноябри соли 2017 таҳти № 11 тасдиқ карда шудааст.

Ба унвонҷӯй Давлатзода Ф.М. аз ҷонибаи АМИТ маълумотнома аз «31» январи соли 2023 дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дода шудааст.

Диссертант муаллифи 4 мақолаҳои илмӣ (дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 1 мақолаи илмӣ дараҷаи СКОПУС (ҳаммуаллиф) ва 4 мақолаҳо ва маърӯзаҳо, 3 дастури методӣ дар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

**Аз рӯи натиҷаи муҳокима чунин хулоса карда шуд:**

Таркиби рисола аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ навишта шудааст. Бартарии кори мазкур дар масъалагузории далелнок ва услуби баёни возеҳ мебошад. Дар диссертатсия масъалаҳои мубрам ва хусусиятҳои хоси вазъи маъмурӣ ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ.** Дар замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти давлатӣ-ҳуқуқӣ давом дорад, ки соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маъмурию ҳуқуқӣ, эъмори давлатдорӣ, инкишоф ва устуворгардонии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва дигар самтҳоро фаро гирифта тағйиротҳои куллӣ амалӣ намуда истодааст, ки онҳо ба тамоми сохтори давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мансубият доранд.

Мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷинояткорӣ равона гардидааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро ҳамчун салоҳияти истисноии прокуратура муқаррар кардааст ва дар боби аллоҳидаи 9-уми Конститутсия мустаҳкам намудааст. Мақоми маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура қисми таркибии мақоми умумӣ-ҳуқуқии он мебошад. Хусусиятҳои ин тартиб аз он иборат аст, ки прокуратура дорои аломатҳои мақомомти ҳокимияти давлатӣ буда, боз салоҳиятҳоеро соҳиб аст, ки вайро аз дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ фарқ мекунонанд. Аз ҳамин лиҳоз омӯзиш ва пажӯҳиши илмии масоили назариявӣ ва амалии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии ин ниҳоди давлатӣ мубрам ва зарур арзёбӣ карда мешавад. Биноабарон, ҳангоми пажӯҳиши мавзӯъ диссертант амалияи пешқадами идоракунии давлатӣ, муносибати прокуратура ба ин тартиб ва усулҳои пешбурди фаъолият, нақши маъмурӣ-ҳуқуқии дохилисохтории прокуратура ва иртиботи онҳо бо мақомоти ҳокимияти қонугузорӣ, иҷроия ва судиро маври омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

Қайд кардан зарур аст, ки мақоми маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура дар илми русизабон камтаҳқиқшуда буда дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори аввал пажӯҳиш карда мешавад, ки мубрамияти мавзӯъро тасдиқ менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки доираи ин иқдом мавзӯи рисолаи илмии худро ба «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия», бахшида, мақсади онро дар таҳлили илмии хусусиятҳои маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомот, яъне тартиби роҳбарӣ ба низом ва сохтори прокуратура, идоракунии он, тартиби ташкили хизмат дар мақомот, муносибатҳои ҳуқуқии хизматӣ (аз ҷумла, субординатсионӣ, реординатсионӣ ва координатсионӣ), тартиби ташкили реҷаи иҷроиши санадҳои маъмурӣ-ҳуқуқии дохили низомӣ, таъминоти кадрӣ, кор бо кадрҳо ва такмили қонунгузории самтҳои номбурдаро пай дар пай ҷиҳати ҳалли вазифаҳои гузошташуда бо мақсад истифода намудааст. Дар ин кор бевосита дар мақомоти прокуратура фаъолият намудани диссертант ёрӣ расонидааст.

**Навгониҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки аввалин маротиба дар сатҳи диссертатсионӣ ҷиҳати маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавсиф ва таҳлил карда шудааст. Дар робита ба ин, масъалаҳои: такмили фаъолияти ташкилӣ-идории мақомоти прокуратура дар иртибот ба шароитҳои нави таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии даврони истиқлолияти давлатии; ҷой ва нақши прокуратура дар давлатдории миллии муосири тоҷик дар асоси принсипи таҷзеияи ҳокимиятҳо; механизми амалигардонии фаъолияти ташкилию идорӣ ва мувофиқати он ба вазифаҳои функсионалии мақомоти прокуратура; таърифҳои илмии мафҳумҳои «вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура», «фаъолияти ташкилӣ», «идоракунии прокуратура», «самти фаъолияти прокурорӣ» ва дигар масъалаҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.

**Заминаи эмпирикии тадқиқоти диссертатсиониро** омӯзиши таҷрибаи идоракунии мақомоти прокуратура, сохтор ва низоми мақомот, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии инфиродӣ ва дастаҷамъонаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби коргузории Раёсати ташкили кор ва назорати иҷро, Раёсати кадрҳо, Раёсати назорати умумӣ ва дигар раёсату шуъбаҳои ташкилию ҳуқуқӣ, ташкил додаанд.

Қисми натиҷаҳои омӯзиш ва тадқиқоти худро диссертант, ҳамчун корманди мақомоти прокуратура ба роҳбарияти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушд ва такмили фаъолияти амалигардонии салоҳияти прокурории хусусияти ҳокимиятидошта ирсол намудааст, ки онҳо метавонанд сазовори эътибори роҳбарият гарданд ва воқеан ба амал татбиқ карда шаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссератсионӣ** дар он ифода меёбад, ки диссертант онро ҳамчун барномаи мукаммал ва асоси назариявӣ барои таҳия намудани консепсияи ислоҳоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани мақоми ҳуқуқии вай, аз ҷумла, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, боз ҳам самаранокгардонии фаъолияти прокурорӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёди демократӣ истифода намудан мумкин аст.

Ҳолатҳои консептуалӣ-илмии таҳқиқот метавонад аз тарафи мақомоти қонунгузори давлатӣ ва иҷроия дар такмил додани Конститутсия ва қонунҳои ҷорӣ, амалӣ намудани чорабиниҳои пешбинӣ намудаи Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои сиёсию ҳуқуқӣ истифода карда шавад.

**Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ҳиссаи муайяни муаллиф дар инкишофи назарияи идоракунии давлатӣ, рушди падидаҳои идории контрол ва назорат, илмҳои назарияи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, назарияи назорати прокурорӣ ва ғайра мебошад, ки онҳоро дар кори такмили қисматҳои дахлдори соҳаҳои номбурдаи илми ҳуқуқшиносӣ, дар ҷараёни таълим дар макотиби олии самти ҳуқуқшиносӣ, такмили ихтисоси

кормандони мақомоти прокуратура ва хизматчиёни давлатӣ истифода намудан мумкин аст.

**Мутобиқатии диссертатсия ба ихтисос.** Диссертатсияи таҳиянамудаи Давлатзода Ф.М. дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия» тадқиқоти илмӣ дар соҳаи илми ҳуқуқи маъмурӣ буда, дар он масъалаҳои рушди қонунгузории ватанӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории танзимкунандаи мақоми ҳуқуқии прокуратура дар давлатҳои ИДМ, хусусан давлатҳои Осиёи Марказӣ, таҳлили вазъи мурофиавии маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура ба сомон расонида шудааст, ки ба ихтисоси 12.00.14 ҳуқуқи маъмурӣ, мурофиаи маъмурӣ мувофиқат менамояд.

**Тасвиби натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ бо иштироки намояндагони шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи ИФСҲ АМИТ муҳокима ва маъқул дониста шудааст.

**Натиҷаҳои асосии илмии бадастовардашуда** дар ҷараёни таҳия намудани рисолаи мазкур дар бахши алоҳидаи монографияи дастаҷамъонаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ соли 2018, ва 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷалаҳои илмии тавсиянамудаи КОА, инчунин як мақола дар маҷалаи тақризии байналмилалӣ реҷаи СКОПУС интишор карда шудааст.

Масоили мубрами таҳқиқоти мазкур аз тарафи муаллиф дар маърӯзаҳои ду конфронси байналмилалӣ ва чор конфронси ҷумҳуриявӣ марбут ба мавзӯъҳои такмили фаъолияти прокурорӣ, аз ҷумла: Контрол ва назорат дар идоракунии давлатӣ: масоил ва роҳҳои ҳал (Душанбе 13-14 октябри соли 2017); Масоили ҳуқуқи маъмурӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ (22-январи соли 2019, Москва РУДН) ва дигарҳо, ба муҳокимаи аҳли илм ва таҳқиқотчиён пешниҳод карда шудааст. Алҳол, зимни хондани лексияҳо ва дарсҳои амалӣ аз фанни «Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав бо таври васеъ истифода карда мешавад.

Рисолаи мазкур ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ, мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), инчунин ба Номгӯи ихтисосҳои дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/3 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Шумораи мақолаҳои дар нашриёт батабърасида ба бандҳои 34-35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи банди 25 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Он аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дарки ботинӣ, натиҷаҳои нави илмӣ ва пешниҳодро дорад, ки барои ҳимояи оммавӣ пешниҳод мегардад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм иттилоъ медиҳад.

Хулосаи илмӣ дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ бо иштироки намояндагони бахши ҳуқуқи ҷиноятӣ ва шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи ИФСҲ АМИТ қабул карда шудааст ва баҳои ҳаматарафаи объективонаро дар тадқиқи диссертатсионӣ тасдиқ менамояд.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 11 нафар, “бетараф” - 0, “муқобил”- 0, суратмаҷлиси № 3 , аз 17 феврали соли 2023.

**Мудири шуъбаи**
**ҳуқуқи давлатии ИФСҲ АМИТ**
**доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,** **Иброҳимов С.И**

**Раиси ҷаласа, номзади илмҳои ҳуқуқ,**
**профессор, сарходими илмии шуъбаи**
**ҳуқуқи давлатии ИФСҲ АМИТ** **Имомов А.И.**

**Котиби ҷаласа, лаборанти**
**калони шуъба** **Саидзода М.Ё.**

**Имзои Иброҳимов С.И., Имомов А.И.**
**ва Саидзода М.Ё.-ро тасдиқ мекунам:**
**Нозири калони ШК ИФСҲ АМИТ** **Шозедов Х.Н.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ